Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-079 назди
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
(734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33)

**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Ҳакимов Ҷамолудин Абдураҳмонович дар мавзуи «Идеологияи сиёсии ҳаракати «Толибон» ва таъсири он ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди глобалӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ)

Дар шароити муосир таъсири паҳншавии хатарҳои идеологӣ ба монанди тафаккури ифротии диннӣ аз Афғонистон ба амнияти кишварҳои Осиёи Марказӣ бараъло эҳсос мегардад. Аз ин рӯ, дар доираи таҳқиқоти илмӣ омӯзиши идеологияи сиёсии ҳаракати «Толибон» ва таъсири он ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кишвари мо ҳам аҳамияти амалӣ ва ҳам аҳамияти назариявӣ дошта, дар сиёсатшиносии ватанӣ падидаи нав буда, то ба ҳол аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ дар шакли як таҳқиқоти алоҳида мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Таъсири ғояҳои радикалӣ ба вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар таъсири бевосита гузошта кишварҳои минтақа, аз ҷумла Тоҷикистонро ҷиҳати андешидани тадбирҳои идеологӣ дар ин самт водор менамояд. Таъсири носозгори идеологияи толибизм метавонад ба Тоҷикистон дар самти паҳншавии идеологияи исломи сиёсӣ хавфу таҳдидҳои навро ба вуҷуд оварада амнияти миллии онро халалдор созад.

Мубрамии мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки муқовимат ба зуҳуротҳои идеологие, ки ба мафкура ва зеҳну тафаккури мардум таъсири манфӣ мерасодан идеологияи сиёсии гуруҳи Толибон, ки дар қаламрави Афғонистон хусусияти зиддитоҷикӣ дошта, ба таври нав – бар зидди тоҷикони Афғонистон зуҳур намуд. Аз ин нуқтаи назар, таҳқиқ ва таҳлили илмию назариявии масъалаи идеологияи сиёсии ҳаракати «Толибон» ва таъсири он ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақтӣ маҳсуб мегардад.

Пуштибонии давлатҳои абарқудрат низ аз ҳаракатҳои ғайрисуннатии сиёсӣ-динии Афғонистон пайваста сурат гирифта, ҳамчун абзори геополитикӣ ба амнияти миллии Тоҷикистон ва кишварҳои дигари минтақа хатар эҷод намояд. Хафноктарин омил он аст, ки идеологияи равияҳои тундгаро дар Афғонистон ба идеологияи давлатӣ ва низоми

сиёсии идоракунии он табдил ёфтааст. Бо ҳамин сабабҳо таҳқиқи ин мавзуъ барои кишвари мо ниҳоят мубрам буда, имкон медиҳад, ки сатҳи таъсири идеологияи сиёсию динии ҳаракати «Толибон» - толибизм ба Тоҷикистон муайян карда шавад.

Ҳаракати «Толибон» ва толибизм ҳамчун идеологияи сиёсӣ-динӣ дар Афғонистон таҳдиди мустақим ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон эҷод менамояд. Ин таҳдид метавонад тавассути густариши ифротгароӣ, муҳоҷирати бесарусомон ва ноороми марзӣ зоҳир шавад. Ҳамзамон, эҳтимол дорад, ки фаъолияти «Толибон» боиси ташаккули равандҳои нави геополитикӣ дар Осиёи Марказӣ гардад, ки ба низоми амниятии минтақавӣ таъсир мерасонад. Ба ақидаи диссертант: «толибизм – ин идеологияи исломӣ-иртиҷоӣ ва динию сиёсии низомикардашудаи ҳаракати «Толибон» мебошад, ки дар моҳияти он ақидаҳои ваххобия бо урфу одатҳои паштунӣ (паштунволӣ) омезиш ёфта, дар баробари дигар зуҳуроти номатлуби ҷомеа аз мактаби радикализми сиёсӣ ва динӣ низ сарчашма мегирад».

Муаллиф зимни таҳияи автореферати диссертатсия сарчашмаҳои расмӣ ва муътамади илмиро мавриди истифода қарор додааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти Ҳакимов Ҷамолудин Абдураҳмонович дар он аст, ки диссетант таъсири идеологияи сиёсию динӣ ва идеологияи радикалии ҳаракати «Толибон»-ро ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор додааст. Аҳаммияти амалии таҳқиқотро истифодаи он дар раванди банақшагирӣ ва роҳандозии сиёсати ҷумҳурӣ дар робита бо ҳаракати «Толибон» дар Афғонистон, таҳияи консепсияҳо ва барномаҳои давлатии сиёсати хориҷӣ, китобҳои дарсӣ, дастуру барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар ташкил медиҳад.

Диссертант муносибати «Толибон» ва идеологияи сиёсию динии онҳоро бо ҳаракатҳои дигари экстремистию террористӣ дар диссертатсия дар мисоли чунин созмону ҳаракатҳо таҳлил намудааст: радикалҳои девбандия, «Ҷамоати таблиғ», «Шабакаи Ҳаққонӣ», «Ҷамъияти уламои ислом», «Таҳрики толибони Покистон», «ал-Қоида», «Давлати исломӣ», «ДИИШ-и вилояти Хуросон», «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон», «Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ», «Лашкари Тайба», «Ҷайши Муҳаммад», «Ҳайат таҳрир аш-Шом», «Ихвон-ул-муслимин», «Ҳаракат-ул-ҷиҳодил исломӣ», «Ҷамоати муҷоҳиддини Бангладеш», «Ҷамоати Булгар», ҳизбу ҳаракатҳои исломии гуногун ва ғайра мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дар маҷмуъ, рисолаи диссертатсионӣ дар мавзуи «Идеологияи сиёсии ҳаракати «Толибон» ва таъсири он ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илман анҷомёфта буда, мазмун ва мундариҷаи он пурра ба талаботи корҳои диссертатсионӣ мувофиқ буда, диссертант Ҳакимов Ҷамолудин Абдураҳмонович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди глобалӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ) мебошад.

Муовини директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих

Иброҳимов Муродалӣ Файзалиевич

Имзои д.и.т. Иброҳимовро тасдиқ мекунам

Сарнозири шуъбаи кадрҳои Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ Г. Файзуллоева

"20" 05 с. 202